Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2025. – 40 саҳ.).**

Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар ба таҳқиқи яке аз самтҳои муҳими назариявию амалӣ дар доираи илми ҳуқуқи конститутсионӣ – масоили танзими ҳуқуқӣ ва таъмини амалии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Мавзуи мазкур дар фазои тағйирёбандаи ҳуқуқии ҷомеаи муосир, дар заминаи рушди муносибатҳои иҷтимоиву меҳнатӣ ва таҳкими ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, аҳамияти махсус пайдо карда, ҷавобгӯи ниёзҳои воқеии низоми ҳуқуқии кишвар арзёбӣ мегардад. Он дар айни замон ҳам бо талаботи таҳлили назариявӣ ва ҳам бо талаботи баланд бардоштани самаранокии сиёсати ҳуқуқии давлатӣ ҳамоҳанг буда, таваҷҷуҳи афзояндаи муҳаққиқон, мутахассисон ва ҳомии ҳуқуқҳои иҷтимоиро тақозо мекунад.

Дар шароити рушди босуръати равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо шомилшавии кишвар ба фазои ҷаҳонии иқтисодӣ ва таҳкими арзишҳои ҳуқуқи инсон ҳамбастагӣ дорад, зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳуқуқи шахс ба меҳнат ҳамчун ҳуқуқи асосии конститутсионӣ ба миён меояд. Бо дарназардошти ин, диссертатсияи мазкур бо интихоби мавзӯи хоса ва ҳадафманд, саъй намудааст то холигии мавҷударо дар доираи таҳқиқоти илмии ватанӣ дар ин соҳа пур кунад.

Қобили зикр аст, ки то имрӯз дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик таҳқиқоти махсусгардонидашудаи комплексӣ ва амиқ доир ба танзими ҳуқуқӣ ва механизми амалисозии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар заминаи конститутсионӣ анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, ин диссертатсияро метавон ҳамчун нахустин

пажӯҳиши сохторманд ва системавӣ дар ин мавзӯъ ба забони давлатӣ арзёбӣ кард, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва татбиқии баланд мебошад.

Таҳлили сохтор ва муҳтавои автореферат гувоҳи он аст, ки кори илмии муаллиф мутобиқи талаботи муҳаққиқии академӣ таҳия гардида, дорои мантиқ, пайдарпайӣ ва заминаи устувори методологӣ мебошад. Таҳқиқот аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт, инчунин замима бо ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ иборат буда, ба ҳадафу вазифаҳои эълоншудаи таҳқиқот ҷавобгӯ мебошад.

Хусусияти фарққунандаи таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф на танҳо масъалаҳои назариявии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнатро мавриди баррасӣ қарор додааст, балки дар доираи таҳлили муқарраротӣ амалкунанда ба норасоиҳои мушаххаси қонунгузорӣ низ ишора карда, пешниҳодҳои асоснок ва воқеъбинона пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, муаллиф ба банди 2-уми Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2018, №197 “Дар бораи Номгӯйи соҳаҳо, истеҳсолот, кор, касб ва вазифаҳо (мансабҳо), шароити пешниҳод ва давомнокии рухсатӣ барои собиқаи кории давомнок” рӯҷӯъ намуда, мушкилоти амалӣ ва ҳуқуқии онро таҳлил карда, ҷиҳати такмили он пешниҳоди мушаххас ва илмӣ асоснок кардааст.

Муаллиф бо ин роҳ на танҳо тавонистааст нуқтаи назар ва мавқеи илмии худро дар масъалаи таҳқиқотӣ нишон диҳад, балки навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро низ муаррифӣ намояд. Дар ин замина, рисолаи мазкур ҳамчун таҳқиқоти мукаммал, сохторӣ ва ҳамаҷониба дар самти таҳкими ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат, заминаи устувореро барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар сатҳи ватанӣ ва байналмилалӣ фароҳам меорад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва ҳалли вазифаҳои пешорӯи муаллиф гузоштташудаρо инъикос менамоянд. Аз ин нуктаи назар, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Шахриёр Мунавар илман асоснок буда, бо далелу асосҳои боварибахши назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ мустаҳкам шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат оид ба танзими ҳуқуқи конститутсионӣ – танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст. Ҳамчунин, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснокии таҳқиқоти анҷомдодаро нишон медиҳанд.

Бояд ёдовар шуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант мусбӣ арзёбӣ мегардад, зеро он яке аз нахустин пажуҳиши маҷмуӣ оид ба ҳуқуқи конститутсионӣ – танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоидро дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мегузорад.

Дар умум, бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Мирзозода Шахриёр Мунавар мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пай дар пай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат мебошад.

Аз муҳтавои автореферати пешниҳодшуда бармеояд, ки муаллиф ба таври кофӣ ба ҳалли масъалаҳои гузошташуда таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онҳоро дар доираи имкониятҳои таҳқиқотӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Бо вуҷуди ин, як зумра ҷанбаҳои муҳими мавзуъ то ҳол комилан бознашуда боқӣ монда, ниёз ба таҳқиқи минбаъда ва таҳлили амиқ доранд. Аз ҷумла, масъалаи нақши ҳуқуқ ба меҳнат дар раванди ташаккули давлати иҷтимоӣ аҳамияти махсус дорад. Тавре ки маълум аст, фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати таъмин ва татбиқи ҳуқуқ ба меҳнат яке аз унсурҳои муҳимми давлати иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад мебуд, агар муаллиф ба таври мушаххас сатҳи амалишавии ин ҳуқуқро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди баррасӣ қарор медод.

Эроди зикршуда тавсиявӣ буда, хусусияти бартариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намекунад. Аз ин рӯ, гуфтан зарур аст, ки

таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Мирзозода Шаҳриёр Мунавар сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Ходими калони илмии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовадинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.М. Маҳмадуллозода

Суроғаи муқарриз: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Раҳмон Набиев 292, хонаи 16.
E.mail: nurullo_m@mail.ru
Тел.: (+992) 777 07 98 88

Имзои Н.М. Маҳмадуллозодаро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Б.А. Абдураҳмонзода
«14» 08 соли 2025

Суроғаи муассиса: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33,
E.mail: ifppanrt@gmail.com
Тел.: +992 (37) 221 56 89